**ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ОМӮЗГОРИИ ТОҶИКИСТОН БА НОМИ С.АЙНӢ**

**УДК: 301.161(573.3)**
**ББК:66.017.84 (2Т)**
**К - 93**

***Бо ҳуқуқи дастнавис***

**Қурбонов Субҳон Маҳмадраҳимович**

# ВАТАНДӮСТӢ ВА ХУСУСИЯТҲОИ ХОССИ ОН ДАР РАВАНДИ БА ДАСТ ОВАРДАНИ ИСТИҚЛОЛИЯТИ ДАВЛАТӢ

**(дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)**

Ихтисоси 23.00.02 – Ниҳодҳо,
равандҳо ва технологияи сиёсӣ

**Автореферати**
диссертатсия барои дарёфти дараҷаи
илмии номзади илмҳои сиёсӣ

**Душанбе –2020**

Диссертатсия дар кафедраи сиёсатшиносии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ иҷро шудааст.

**Роҳбари илмӣ:** Ҳайдаров Рустам Ҷурабоевич – доктори илмҳои фалсафа, мудири шуъбаи сиёсатшиносии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови АИ ҶТ

**Муқарризони расмӣ:** Миралиён Қиёмиддин Абдусалимзода, доктори илмҳои сиёсӣ, раиси Кумитаи иҷроияи Ҳизби халқӣ-демкоратии Тоҷикистон дар вилояти Хатлон

Саидов Алихон Савзаевич, номзади илмҳои сиёсӣ, дотсент, мудири кафедраи фалсафа ва фарҳангшиносии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Н.Хусрав

**Муассисаи тақриздиҳанда**: Муассисаи давлатии таълимии Донишкадаи давлатии забонҳо ба номи С. Улуғзода

Ҳимояи диссертатсия «____» _______ соли 2021 соати _____ дар ҷаласаи Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-030-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон бо суроғаи 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17, дар толори Шӯрои илмӣ баргузор мегардад.

Бо матни диссертатсия ва автореферат дар китобхонаи илмии ДМТ ва сомонаи расмии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (www.tnu.tj) шинос шудан мумкин аст.

Автореферат «___» __________ соли 2021 ирсол гардид.

**Котиби илмии**
**шӯрои диссертатсионӣ,**
**н.и.т, дотсент** **Шарипов А.Н.**

# МУҚАДДИМА

**Мубрамияти мавзӯи таҳқиқот.** Ватандӯстӣ ҳамчун падидаи иҷтимоию сиёсӣ яке аз масъалаҳои муҳимми илмӣ ба шумор рафта, дар раванди ташаккулёбии давлатдории миллӣ ҷойгоҳи махсусро ишғол менамояд. Масъалаи ватандӯстию ватанпарастӣ дар ҳаёти сиёсию ҷамъиятии Тоҷикистони соҳибистиқлол низ нақши муассир дорад. Маълум аст, ки ватандӯстӣ ҳамчун падидаи иҷтимоию ғоявӣ, пеш ҳама, ба шуури сиёсии шаҳрвандони мамлакат таъсиргузорӣ намуда, ҳамеша ҳамсафари давлату миллат мебошад.

Тавре ба ҳамагон маълум аст, хотираи таърихӣ ва хислати миллии тоҷикон дорои хусусиятҳои хос буда яке аз махсусиятҳои он ватандӯстӣ маҳсуб меёбад. Аммо таърих гувоҳ аст, ки сатҳи баланди ватандӯстию ватанпарастӣ дар аксар маврид аз сиёсати пешгирифтаи давлат ва таълиму тарбияи миллӣ вобаста мебошад. Айни замон дар раванди тағйирёбии ҷаҳони муосир масъалаи тарбияи ватандӯстии ҷавонони тоҷик хислати умумимиллӣ бояд дошта бошад, то дар татбиқи сиёсати пешгирифтаи давлату ҳукумат ва дар амалишавии нақшаҳо ва стратегияҳои давлатӣ ба натиҷаҳои дилхоҳ ноил гардем.

Вобаста ба ин Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз соли 2011 дар Паёми навбатии худ ба Маҷлиси Олӣ чунин иброз намуда буданд: «Дар чунин шароити ҳассос ва зудтағйирёбандаи сайёра вазифаи имониву инсонии ҳар як шахси огоҳу бедордил ва ҳар як фарди бонангу номуси миллати сарбаланди тоҷик бояд аз таблиғи бедории миллӣ, зиракиву ҳушёрии сиёсӣ, ҳисси баланди ватандориву ватандӯстӣ ва таҳкими ваҳдати миллӣ иборат бошад. Фақат дар ҳамин сурат ва танҳо бо заҳмати шабонарӯзии содиқонаву софдилона мо метавонем ҳамчун як неруи тавоно тамоми мушкилоти мавҷудаи ҷомеаи худро бартараф созем, нақшаву ниятҳои неки худро ба хотири ободиву шукуфоии Ватани маҳбубамон ва рушди иқтисодиву иҷтимоии кишвари азизи соҳибистиқлоламон бо дасти пок ва дилу нияти нек иҷро намоем ва дарояндаи наздик зиндагии мардуми шарафманду сарбаланди Тоҷикистони озодро ба сатҳу сифати шоиста расонем».[1]

Чунин таваҷҷуҳи хосса ба масъалаи ватандӯстию ватанпарастӣ бо он алоқаманд аст, ки дар раванди дигаргуншавии ҷомеа ва махсусан дар зери таъсири арзишҳои нави фарҳангию сиёсӣ, муносибат ба ватандӯстӣ ва тарбияи арзишҳои он тағйир меёбад. Қисми зиёди ҷавонон ва шаҳрвандони ҷумҳурӣ дар зери таъсири ҷаҳонишавӣ ва фазои холии ғоявӣ дармондаанд ва аз ин рӯ, масъалаи мазкур аз рӯзҳои аввали ба даст овардани истиқлолият дар сархати сиёсати давлату ҳукумат қарор гирифтааст.

Ватандӯстӣ ҳамчун объекти муҳимми илмҳои сиёсӣ хусусиятҳои хос ва ҷанбаҳои гуногун дорад, ки ҳангоми баррасии он вижагиҳои бевоситаи сохти давлатдорӣ ва конститутсионии ҷомеа бояд ба инобат гирифта шаванд. Пеш аз ҳама, ватандӯстӣ падидаи мураккаби иҷтимоию фарҳангӣ буда, тарбияи ватандӯстӣ ҷузъи таркибии маданияти сиёсии ҷомеа ба ҳисоб меравад.

Таҷрибаҳои амалӣ нишон медиҳанд, ки имрӯз дар ташаккули ҳисси ватандӯстии шаҳрвандони мамлакат ва махсусан эҳсоси ҷавонон, як қатор омилҳо таъсири манфӣ мерасонанд. Пеш аз ҳама бояд гуфт, ки дар шароити авҷгирии зуҳуроти манфии худпарастӣ, манфиатпарастӣ, беномусӣ, бадхашмии беасос, муносибати беэҳтиромона нисбат ба давлат ва ниҳодҳои иҷтимоӣ дар шуури ҷомеа бегонапарастӣ пурзӯр мегардад. Инро метавон бо дарназардошти ҳаёти иҷтимоию сиёсии Тоҷикистон собит намуд.

Новобаста аз натиҷаҳои бадастомадаи ҳаёти иқтисодию иҷтимоӣ, сиёсию маънавӣ ва ғоявии Тоҷикистон, дар ҳаёти ҷамъиятии кишвар ҳанӯз ҳам омилҳои манфие ҷой доранд, ки ба раванди ташаккули ҳисси ватандӯстӣ ва эъмори давлатдории миллӣ монеа эҷод менамоянд. Афсӯс, ки рӯйдодҳои охир дар ҷодаи сиёсат, иқтисод ва фарҳанг аз даст додани баъзе хусусиятҳои тарбияи анъанавии ватандӯстиро инъикос менамоянд. Бинобар

[1] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ. 20.04.2011 [Манбаи электронӣ]. URL: http://president.tj/node/193 (санаи истифодабарӣ: 12.03.2018)

ин, дар чунин шароит аҳамияти тарбияи ватандӯстӣ ва баланд бардоштани ҳисси ватандӯстии аҳолии мамлакат боз ҳам меафзояд.

Ватандӯстӣ ба эҳёи маънавии халқ, ташаккули ҷомеаи ягонаи шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон такони ҷиддӣ мебахшад. Аз ин рӯ, ба вуҷуд овардани муносибатҳои илман асоснокгардидаи консептуалӣ нисбати ташкили тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон, асосҳои назариявии он масъалаи мубрам маҳсуб меёбад. Бояд гуфт, ки ҳанӯз ҳам дар илмҳои сиёсӣ моҳияти ватандӯстӣ, хусусиятҳои он, зарурият ва аҳамияти он барои рушди давлатдории миллӣ ба таври зарурӣ омӯхта нашудаанд.

Бо дарназардошти гуфтаҳои боло муҳиммияти омӯзиши паҳлуҳои гуногуни ватандӯстиро ба таври зерин асоснок намудан мумкин аст:

**Якум,** муайян кардани моҳияти ватандӯстӣ ва хусусиятҳои бевоситаи баҳри нишон додани алоқамандии он бо рушди иҷтимоию иқтисодӣ ва фарҳангию маънавии ҷомеа;

**Дуюм**, ташаккули минбаъдаи назарияи ватандӯстӣ дар шароити Тоҷикистони соҳибистиқлол бо мақсади хубтару беҳтар намудани сатҳу сифати тарбияи ватандӯстии ҷавонон бояд;

**Сеюм,** тағйироти амиқ ва сифатноки назарияи сиёсӣ, ки бевосита тағйироти мувофиқро дар афкори ҷомеа талаб менамоянд. Чунки бе дигаргунии фарҳанги сиёсӣ, бе тағйироти куллӣ дар рӯҳия ва тафаккур одатҳои ақидавии замони гузаштаро паси сар кардан ва онҳоро бо тасаввуроти навин иваз кардан имконнопазир аст. Аз ин рӯ, ташаккули ақидаҳои муосири сиёсии ҳар як инсон дар рӯҳияи ватандӯстӣ, сохтори ҷомеаи башардӯстона, демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявӣ яке аз вазифаҳои асосӣ ҳангоми гузариш ба сохтори нави ҷомеаи демократӣ дар Тоҷикистон ба шумор меравад.

**Чорум,** муҳиммияти ташаккулдиҳии ҳисси ватандӯстии аҳолии мамлакат бо манфиатҳои ғоявии давлати соҳибистиқлол ва инчунин бо холигии ғоявӣ алоқаманд буда, бо дарназардошти хусусиятҳои ҳаёти ҷамъиятии охири солҳои 80-ум ва оғози солҳои 90-уми асри гузашта масъалаи ватандӯстӣ барои Тоҷикистони соҳибистиқлол хеле мубрам мебошад.

Таҳлили паҳлуҳои гуногуни масъалаи ватандӯстӣ ва тафсири мухталифи мафҳуми «ватандӯстӣ» аз он шаҳодат медиҳад, ки вобаста ба омӯзиши ин масъала тарзу усулҳои гуногуни таҳқиқот истифода бурда мешаванд, ки ҳеҷ яке аз онҳо моҳияти ин падидаи мураккабро ба пуррагӣ шарҳ намедиҳанд.

Ба андешаи мо, дар адабиёти илмию таҳқиқотӣ, махсусан дар соҳаи илмҳои сиёсӣ, масъалаи ватандӯстӣ ба таври кофӣ омӯхта нашудааст. Дар омӯзиши табиат, моҳият ва мазмуни ватандӯстӣ бо дарназардошти тағйиротҳои ҷиддие, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон рух додаанд, танҳо аввалин қадамҳо гузошта шудаанду халос. Дар алоқа бо ин ва инчунин бо дарназардошти зарурияти дарёфти муносибатҳои нав дар самти тарбияи ватандӯстии ҷавонон, мавзӯи таҳқиқоти диссертатсионӣ муҳим ва саривақтӣ арзёбӣ мегардад.

**Сатҳи таҳқиқи мавзӯъ.** Ҳисси ватандӯстии ҷомеа, гурӯҳҳои иҷтимоӣ ва шахсони алоҳида на танҳо дар замони муосир, балки дар тамоми давраҳои таърихи инсоният диққати мутафаккирон – файласуфон, олимони ҷомеашинос, ходимони сиёсӣ, арбобони фарҳангу ҳунарро ба худ ҷалб мекард. Дар баробари ин, масъалаи ватандӯстиро муаллифони сершумор аз мавқеи шахсии шаҳрвандӣ ва махсусан бо дарназардошти вазъи ватани худ дар шароитҳои гуногуни таърихӣ, иҷтимоию сиёсӣ ва иқтисодӣ, инчунин вобаста ба ақидаҳои мавҷудаи ҷамъиятӣ ва таъсири омилҳои гуногун мавриди омӯзиш қарор додаанд.

Ба омӯзиши масъалаи ватандӯстӣ олимони шӯравӣ ва муҳаққиқони рус таваҷҷуҳи махсус зоҳир намудаанд. Маҳз онҳо асосҳои назариявии ватандӯстиро ташаккул дода, ба ин васила табиат, моҳият, нақш ва ҷойгоҳи онро дар ҳаёти сиёсии ҷомеа муайян намудаанд ва дар омӯзиши масъалаҳои сиёсӣ донишҳои мазкурро мавриди истифода қарор додаанд.

Дар самти омӯзиши мафҳум ва моҳияти ватандӯстӣ, алалхусус дар раванди баррасии хусусиятҳои муҳимми ин падида, чунин олимон, ба монанди А.И. Афонин, Т.В.

Беспалова, В.К. Левашов, Л.И. Лутовинов, В.А. Минаков, Р.Я. Мирский, Ю.Н.Трифонов, В.В. Ходосов[2] ва дигарон сахми арзанда гузоштаанд.

Дар таҳқиқоти А.И. Афонин асосҳои сиёсии ватандӯстӣ ва ташаккули он дар қишри афсарии қувваҳои мусаллаҳи Федератсияи Россия мавриди омӯзиш қарор гирифтаанд.

Т.В. Беспалова нақши ватандӯстиро дар равандҳои муосири сиёсии Россия таҳлил кардааст.

В.К. Левашов мақоми ватандӯстиро дар қаринаи воқеиятҳои муосири иҷтимоӣ-сиёсӣ мавриди баррасӣ қарор додааст.

Тақрибан чунин усул дар асари В.И. Лутовинов ба назар мерасад, ки масъалаи ташаккули ватандӯстиро дар шароити муосир миёни ҷавонон таҳқиқ месозад.

Вале таҳқиқоти олимони мазкур ҳарчанд барои фаҳму дарки моҳияти ватандӯстӣ арзишманд бошанд ҳам, аслан ба воқеият ва шароитҳои Федератсияи Россия иртибот дошта, барои таҳлилу таҳқиқи ватандӯстии аҳолии Тоҷикистон мувофиқ нестанд. Зеро муҳаққиқони мазкур дар атрофи ватандӯстӣ вобаста ба шароити мамлакати хеш андешаронӣ намуда, тавсияҳои онҳо бинобар сабаби гуногунрангии фарҳангӣ ва номувофиқатии мавқеъҳои ҷуғрофӣ барои баланд бардоштани ҳисси ватандӯстии шаҳрвандони Тоҷикистон чандон муносиб нестанд.

Бояд гуфт, ки дар шароити Тоҷикистони соҳибистиқлол аз ҷониби олимони ватанӣ дар самти омӯзиши масъалаи ватандӯстӣ таҳқиқоти алоҳида анҷом дода нашудааст. Аммо ватандӯстӣ ҳамчун падидаи иҷтимоию сиёсӣ ва паҳлуҳои гуногуни он дар асарҳои ҷудогонаи як қатор олимону муҳаққиқони ватанӣ мавриди баррасӣ қарор дода шудаанд, ки барои омӯзиши ин масъала бо дарназардошти шароити Тоҷикистон дорои аҳамияти зиёд мебошанд. Дар миёни онҳо асарҳои илмию таҳқиқотӣ ва андешаҳои илмию сиёсии чунин олимон, ба монанди А.Н. Маҳмадов, С.С. Ятимов, М.У. Хидирзода, В.М. Набиев, Х.С. Қудусов, С.М. Қурбонов[3] ва чанде дигарон хеле аҳамиятнок мебошанд. Дар таҳқиқоти А.Н. Маҳмадов андешаҳои муҳаққиқ перомуни вожаи «миллат» ва «идеяи миллӣ», таҳдиди мафкураи бегона ба манфиатҳои миллӣ ва зарурати ташаккули арзишҳои ватандӯстӣ ифода ёфтаанд.

---

[2] Афонин А.И. Политические основы патриотизма и его формирование в офицерском корпусе вооруженных сил Российской Федерации./ А.И. Афонин, дисс. к. п. н. –Монино, 2003. –180 с.; Беспалова, Т.В. Политический патриотизм // Т.В. Беспалова. – Ростов н/Д, 2004. –160 с.; Беспалова, Т.В. Патриотизм в современном российском политическом процессе: Автореф. дис. к. п. н. – Ростов на Дону, 2004. –24 с.; Левашов В.К. Патриотизм в контексте современных социально- политических реалий/ В.К. Левашов // Социологические исследования. –2006. – №6. –С.67-76.; Лутовинов В.И. Патриотизм: проблемы формирования у молодежи в современных условиях / В.И.Лутовинов. – М.: ВУ, 1997. – 124 с.; Минаков В.А. К вопросу о методологии исследования патриотизма/ В.А. Минаков // Вестник Бурятского государственного университета. – 2010. –№14. –С.67-70.; Мирский Р.Я. Патриотизм советского человека: интернационализм, гражданственность, труд./ Р.Я. Мирский. - М.: Мысль., 1998. –320 с.; Трифонов Ю.Н. Сущность и основные проявления патриотизма в условиях современной России./ Ю.Н. Трифонов автореф. дис. к. филос. наук. - М., 1996. –26 с.; Ходосов, В.В. Генезис патриотизма в историческом дискурсе // Вестник. Серия «Гуманитарные науки». – 2003. – №1. – С. 55 - 56.

[3] Маҳмадов А.Н. Муқаддимаи идеяи миллӣ. Китоби дарсӣ./ Маҳмадов А.Н. – Душанбе: Эр-граф, 2014. –220 с.; Махмадов А.Н. Национальный интерес Таджикистана./ А.Н.Махмадов, И.К. Асадуллаев. – Душанбе: Авесто, 2009. – 92 с.; Маҳмадов А.Н. Андешаҳо перомуни вожаи «миллат» ва «идеяи миллӣ»/ А.Н. Маҳмадов // Маводи конференсияи илмӣ-назариявӣ. Душанбе, 2007. С.59-60.; Маҳмадов А.Н. Идеяи миллӣ – роҳбаладе зиндагии шоиста/ А.Н. Маҳмадов // Ҷумҳурият. №55 (22 192). 2013. 18-уми апрел.; Маҳмадов А.Н. Ҳикмати идеяи миллӣ дар беҳсозии ҷомеа/ А.Н. Маҳмадов // Садои мардум. №32-33. 2013. 18-уми март.; №36-37. 2013. 21-уми март.; Маҳмадов А. Н. Бунёди мафкураи бегона – таҳдид ба манофеи миллӣ/ А.Н. Маҳмадов // Садои мардум. №48 (3349). 2015. 02- юми апрел.; Ятимов С.С. О политической идеологии./ С.С.Ятимов. – Душанбе, 2014. – 184 с., Ятимов С.С. Идеология и национальный интерес./ С.С.Ятимов. –Душанбе, 2014– 176 с; Хидирова М.У. Сарварӣ дар низоми идоракунии сиёсӣ./ М.У. Хидирова. Душанбе, 2011; Набиев В.М. Созандагони Тоҷикистони соҳибистиқлол./ В.М. Набиев. – Душанбе: Ирфон, 2013; Қудусов Х.С. Идеяи миллӣ – такягоҳи устувори ҷомеа/ Х.С. Қудусов // Садои мардум. – №57 (3042). 14-уми майи соли 2013.; Қурбонов С.М. Пути и средства формирования патриотизма таджикского народа // Вестник ТНУ. –2011. – № 4 (68).; Қурбонов С.М. Особенности формирования патриотизма таджикского народа. Монография. – Душанбе: Ирфон, 2011. – 160 с.

С.С. Ятимов дар асари худ оид ба ватандӯсти дар қаринаи ғоя ва манфиатҳои миллӣ таъкид кардааст.

М.У. Хидирова ба масъалаи сарварӣ дар низоми идоракунии сиёсӣ таваҷҷуҳ намуда дар доираи он ба баъзе паҳлуҳои ватандӯстӣ диққат додааст. Умуман олимони мазкур чунин масъалаҳоро, ба монанди муҳаббат ва садоқат ба Ватан, дӯст доштани ватан мавриди баррасӣ қарор додаанд.

Як қатор муҳаққиқон, аз қабили Р.Н. Асадуллоев, К.А. Миралиев, С.Б. Ашуров, Ф. Ҳодибоев, Н.С. Буриев ва диг.[4] паҳлуҳои гуногуни сиёсати давлатии ҷавононро таҳқиқ намуда, дар ин замина масъалаи тарбияи ватандӯстии ҷавонони Тоҷикистонро низ ба таври ҷузъӣ мавриди баррасӣ қарор додаанд. Бояд гуфт, ки дар асарҳои олимони номбаргардида масъалаи ватандӯстӣ ба таври умумӣ баррасӣ гардида, бевосита объекти таҳқиқоти алоҳида қарор нагирифтааст. Аз ин рӯ гуфтан мумкин аст, ки то имрӯз дар ҷумҳурӣ хусусиятҳои ватандӯстӣ дар шароити соҳибистиқлолии мамлакат ба таври алоҳида таҳқиқ нагардидаанд.

Вазъи тарбияи ватандӯстӣ дар замони муосир, роҳҳо ва механизмҳои амалигардонии он дар шароити дигаргуншавии ҷомеа, инчунин дар як қатор ҳуҷҷатҳо ва фишурдаҳои методӣ таҳлил гардидаанд.[5]

Дар таҳқиқоти мазкур тасаввуроти аниқ нисбати ватандӯстӣ ва дараҷаи мубрамияти он дар байни гурӯҳҳои гуногуни иҷтимоӣ вуҷуд надорад. Ҳатто таҳқиқоте вуҷуд надорад, ки дар он ба таҳлили сиёсии махсусиятҳои тарбияи ватандӯстӣ ва ё баланд бардоштани ҳисси ватандӯстии аҳолии мамлакат диққати махсус дода шуда бошад.

**Пойгоҳи сарчашмавии таҳқиқот.** Дар рафти таҳқиқот аз маҷмуи сарчашмаҳо истифода гардиданд, ки бо назардошти аҳамият ва хислаташон чунин гурӯҳбандӣ шуданд:

**Ба гурӯҳи якуми сарчашмаҳо** дар асарҳои Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон дохил мешаванд.[6] Бояд гуфт, ки масъалаи ватандӯстӣ ва ташаккули он дар байни аҳолии мамлакат, ҳифзи арзишҳои ватандӯстӣ, пешгирӣ кардани густариши фарҳанги бегона ва хатарҳои муосир дар осори Пешвои миллат, суханрониҳои расмӣ ва Паёмҳои солона ба Маҷлиси Олӣ инъикос мегарданд.

**Гурӯҳи дуюми сарчашмаҳоро** муқаррароти қонунҳои конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва барномаҳою стратегияҳои давлатӣ ташкил медиҳанд. Зарурати дар рӯҳияи ватандӯстӣ тарбия намудани ҷавонон ва баланд бардоштани ҳисси ватандӯстии аҳолӣ, дар ин аснод асоснок карда шудааст. Дар раванди таҳқиқот Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фармоиши давлатии иҷтимоӣ», Консепсияи миллии сиёсати ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, Барномаи давлатии «Тарбияи ватандӯстии ҷавонони Тоҷикистон барои

---

[4] Асадуллоев Р.Н. Молодежь в процессах демократизации общества./ Р.Н. Асадуллоев – Душанбе: Сарпараст, 2004– 172 с.; Миралиев К.А. Реализация государственной молодежной политики и её роль в укреплении потенциала молодежных движений Таджикистан в условиях развития современного общества./ К.А. Миралиев. – Душанбе, 2006– 186 с.; Ашуров С.Б. Государственная молодежная политика Таджикистана: состояние и перспективы. / С.Б. Ашуров. – Душанбе, 2007– 155 с.; Ходибоев Ф. Роль молодежи в развитии общества./ Ф. Ходибоев. – Душанбе, 2010– 186 с.; Буриева Н.С. Государственная молодежная политика в Республике Таджикистан/ Н.С. Буриева. Душанбе, 2012– 161 с.

[5] Стратегия государственной молодежной политики в Республики Таджикистан до 2020 г. –Душанбе, 2011.; Неъматов М.М. Муқаддасоти Ватан./ М.М. Неъматов. – Душанбе, 2013, - 224 с.; Неъматов М.М. Ба муҳофизати Ватан омода бош. / М.М. Неъматов. – Душанбе, 2013, – 180 с.; Бойматов Л. Темурмалик./ Л.Бойматов. – Душанбе, 2006, – 135 с.; Саидмуминов А.С. Краевед-Патриот./ А.С. Саймудинов. – Душанбе, 2002. – 220 с.

[6] Рахмонов Э.Ш. Юбилей независимости и второй всемирный форум таджиков./ Э.Ш. Рахмонов – Душанбе: Шарки озод, 1993 – 40 с.; Ҳамон муаллиф. Таджикистан на пороге будущего. – Душанбе: Шарки озод, 1997– 61 с.; Ҳамон муаллиф. Таджики в зеркале истории. Книга первая. От арийцев до Саманидов. – Душанбе-Лондон, 1999– 240 с.; Ҳамон муаллиф. Роҳи мо ба сӯйи ҷомеаи ҳуқукбунёд. – Душанбе: Ирфон, 2000– 31 с.; Ҳамон муаллиф. Таджикистан: десять лет независимости, национального единства и созидания. В 4-х томах. – Душанбе: Ирфон, 2001.

солҳои 2006-2010», Стратегияи давлатии сиёсати ҷавонони Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020 ва ғайра истифода шуданд. Аз рӯйи натиҷаҳои татбиқи Барномаи давлатии «Тарбияи ватандӯстии ҷавонони Тоҷикистон барои солҳои 2006-2010» чунин хулосабарорӣ кардан мумкин аст, ки барномаи мазкур қариб 90 % ҷавононро ҳамчун гурӯҳи мақсаднок фаро гирифта, ба ҳисси ватандӯстии ин қишри фаъоли ҷомеа таъсири мусбат расонидааст.[7]

Таҳлили сарчашмаҳо ва адабиёти илмӣ нишон медиҳад, ки дар шароити Тоҷикистони соҳибистиқлол масъалаи ватандӯстӣ ва дар рӯҳияи ватандӯстӣ тарбия намудани аҳолии мамлакат ба таври кофӣ мавриди таҳқиқ қарор дода нашудааст. Бояд дастовардҳои имрӯза дар самти тарбияи ватандӯстии ҷавонон пойдор гардонида шавад. Дар ҷодаи тарбияи ватандӯстӣ, худшиносӣ ва таблиғи ғояҳои башардӯстонаи ҷавонон бояд доимо барои ба даст овардани роҳҳои беҳтару самараноктар кӯшиш ба харҷ дода шавад.

Дар таҳқиқоти мазкур хусусиятҳои муҳимми ватандӯстӣ, омилҳои иҷтимоию сиёсӣ ва маънавию ғоявии ташаккулёбии он мавриди омӯзиш қарор дода шудаанд. Ҳамаи ин ва дигар масъалаҳо, ки дарки назариявӣ ва амалии ин падидаро талаб менамоянд, интихоби мавзӯъ, муайянсозии мақсаду вазифаҳои таҳқиқотро асоснок намудаанд.

## ТАВСИФИ УМУМИИ КОР

**Робитаи кор бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзуъҳои илмӣ.** Таҳқиқот дар доираи барномаи дурнамои корҳои илмӣ-таҳқиқотии кафедраи сиёсатшиносии Донишгоҳи омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ, барои солҳои 2011-2016 таҳия гардидааст. Яке аз бандҳои дурнамои корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ «Инкишофи падидаҳои сиёсӣ дар Тоҷикистон» ном дорад, ки мавзӯи таҳқиқоти диссертатсиониро дар бар мегирад.

**Объекти таҳқиқот** – ватандӯстӣ ҳамчун падидаи иҷтимоию сиёсӣ ва хусусиятҳои муҳимми он ба шумор меравад.

**Предмети таҳқиқот** – хусусиятҳои раванди ташаккулёбии ватандӯстӣ дар шароити истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

**Мақсади таҳқиқот.** Бо дарназардошти дараҷаи коркарди масъалаи ташаккулёбии ватандӯстӣ, мақсади асосии таҳқиқоти мазкур муайян намудани хусусиятҳои ватандӯстӣ дар раванди ба даст овардани истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Барои татбиқи мақсадҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ **вазифаҳои** зерин гузошта шудаанд:

– таҳлили ҷанбаҳои таърихию сиёсии назарияҳо ва консепсияҳои илмӣ, ки дар асоси онҳо мафҳуми «ватандӯстӣ», моҳият ва хусусиятҳои он муайян карда мешаванд;

– баррасии тамоюлоти асосии ташаккулёбии ватандӯстӣ дар шароити муосир, нишон додани унсурҳои таркибӣ ва мазмуни онҳо;

– омӯзиши омилҳои таърихию сиёсии ташаккулёбии ватандӯстӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;

– ошкорсозии роҳҳои асосӣ ва махсусияти ташаккули ватандӯстӣ дар раванди ба даст овардани истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Соҳаи таҳқиқот.** Мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси Шӯрои диссертатсионии 6DКОА 30 - 6D050200 – Сиёсатшиносӣ мутобиқат менамояд.

**Марҳилаҳои таҳқиқот.** Давраҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ солҳои 2010-2018 –ро дар бар мегирад.

**Пойгоҳи асосии иттилоотӣ ва таҳлилии таҳқиқот.** Кори илмӣ –таҳқиқотӣ дар кафедраи сиёсатшиносии Донишгоҳи омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ иҷро шудааст.

**Муътамад будани натиҷаҳои диссертатия** бо маълумоти дақиқ аз сарчашмаҳои расмӣ, ҳаҷми маводи таҳқиқотӣ ва таълифоти муаллиф асоснок мегардад. Дар натиҷаи таҳлили илмӣ хулосаҳову тавсияҳои зарурӣ оид ба мустаҳкам кардани арзишҳои ватандӯстӣ дар шароити Тоҷикистон пешниҳод шудаанд.

---

[7] Государственная программа «Патриотическое воспитание молодёжи Таджикистана на 2011-2013 годы». – Душанбе, 2010. – С.28.

**Навгонии илмии таҳқиқот** аз он иборат аст, ки то имрӯз масъалаи ватандӯстӣ дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври алоҳида таҳқиқ нагардидааст ва дар илмҳои сиёсии мамлакат омӯзиши ин масъала таҳқиқоти нав мебошад. Навгонии илмии таҳқиқот инчунин аз он иборат аст, ки дар он вобаста ба мафҳуми ватандӯстӣ ва нақши он дар ҳаёти инсон ва ҷомеа ақидаҳои гуногун таҳлилу баррасӣ гардидаанд.

Ба таври мушаххас навгонии илмии таҳқиқоти мазкурро ба таври зерин нишон додан мумкин аст:

– дар асоси таҳлили ҷанбаҳои таърихию сиёсии назарияҳо ва консепсияҳои илмӣ мазмуну моҳияти ватандӯстӣ муайян карда шуда, хусусиятҳои муҳимми ин падида ва қонуниятҳои ташаккулёбии он ба таври консептуалӣ омӯхта шудаанд;

– тамоюлоти асосии рушди ватандӯстӣ дар шароити муосир мавриди баррасӣ қарор дода шуда, унсурҳои таркибии он, раванди ташаккулёбии он дар шароити муосир, махсусан зарурият ва муҳиммияти он нишон дода шудаанд;

– омилҳои таърихию сиёсии ташаккулёбии ватандӯстӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таҳлил ва омӯзиш қарор дода шудаанд;

– роҳҳои асосӣ ва механизмҳои ташаккулёбии ватандӯстӣ дар раванди ба даст овардани истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда шудаанд.

Дар асоси омӯзиш ва таҳлили сарчашмаҳои мавҷуда масъалаҳои раванди ташаккулёбии ватандӯстӣ ва дар рӯҳияи ватандӯстӣ тарбия намудани ҷавонон дар шароити демократикунонии ҷомеа дар мадди аввал гузошта шудаанд.

**Ба ҳимоя бандҳои зерин пешниҳод карда мешаванд:**

1. Ватандӯстӣ ҳамчун падидаи ҳаёти ҷамъиятӣ заминаи арзишноке мебошад, ки ҳамгироии ҷомеаро таъмин менамояд ва меҳвари ягонагӣ, субот ва пешрафтаи он ба шумор меравад. Дар баробари ин, ватандӯстӣ дар низоми арзишҳои умумиинсонӣ арзиши марказӣ мебошад. Он дар ҳаёти иҷтимоию сиёсии ҷомеа ва махсусан дар шароити дигаргуниҳои ҷамъиятӣ нақши ҳалкунанда мебозад.

2. Муттаҳидшавии одамон дар шакли як умумият, ташаккулёбии ваҳдати миллӣ, дарки идеяи миллӣ ва ташаккули ғояи умумӣ дар давоми асрҳои зиёд ба вуҷуд омадааст. Аз ин рӯ, дар асоси дарки ватандӯстии тоҷикон фарҳанги ҳуқуқию сиёсии онҳо падидаи хеле нодир ба шумор рафта, истиқлолияти сиёсию миллии Ҷумҳурии Тоҷикистонро боз ҳам мустаҳкамтар менамояд. Арзишҳои ватандӯстии тоҷикон аз умқи асрҳо сарчашма гирифта, дар рафти муборизаҳои қаҳрамонона барои муҳофизати номус, асолат ва ватандорӣ ташаккул ёфтааст. Ба шумули ин арзишҳо хислати умумимиллӣ, худфидосозӣ, ҷавонмардӣ ва монанди инҳо хос аст.

3. Ватандӯстӣ, ки ҳамчун муайянкунандаи воқеияти муосир баромад наменамояд, барои паси сар намудани бӯҳрони системавии ҷомеа ва давлат, ниҳодҳои муҳимми он, махсусан ҳаёти сиёсии ҷомеа, ҳамчун яке аз сарчашмаҳои азнавсозиҳои муваффақ дар тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ хеле зарур арзёбӣ мегардад. Ваҳдати ҷомеа дар асоси арзишҳои ватандӯстӣ онро ба омӯзиши таъриху фарҳанг, азнавсозӣ ва ширкат дар рафти созандагии Ватан водор намуда, ба дарки масъулияти ватандорӣ замина мегардад. Ватандӯстӣ ҳамчун падидаи ҳаёти ҷамъиятӣ табиат ва моҳияти сиёсӣ дорад ва аз ин рӯ, он категорияи сиёсӣ маҳсуб меёбад.

4. Аз охири солҳои 80-уми асри гузашта дар шароити гузариш аз режими тоталитарӣ ба режими демократӣ, таҷдиди назариявии тамоюлҳои иҷтимоию сиёсӣ ва махсусан дар шароити ба даст овардани истиқлолият таваҷҷуҳ ба ватандӯстӣ оғоз мегардад, ки ин барои таҳкими давлатдории миллӣ мусоидат намуда, ҳамзамон яке аз унсурҳои муҳимми давлати соҳибистиқлол ба шумор меравад. Бинобар ин, ватандӯстӣ ба монанди дигар падидаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ вазифаҳои муайянро иҷро менамояд. Муҳимтарини онҳо чунинанд: маърифатӣ, иҷтимоӣ–аксиологӣ, сафарбарнамоӣ, ташвиқотӣ, тарбиявӣ, иртиботӣ, муттаҳидкунанда. Танзими муносибатҳои сиёсӣ низ яке аз вазифаҳои муҳимтарини ватандӯстӣ маҳсуб меёбад.

**Пойгоҳи таҷрибавии таҳқиқотро ташкил доданд:** асоси ҳуқуқӣ ва сарчашмаҳои

ватандӯстӣ Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳо «Дар бораи маориф», «Дар бораи маълумоти олӣ ва баъдимактаби олӣ», «Дар бораи уҳдадории ҳарбӣ ва хизмати ҳарбӣ», «Дар бораи собиқадорон», «Дар бораи рӯзҳои шаъну шарафи ҳарбӣ (рӯзҳои ғалаба) - и Тоҷикистон» «Дар бораи абадӣ гардонидани Ғалабаи халқи шӯравӣ дар Ҷанги Бузурги ватанӣ дар солҳои 1941-1945», Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи консепсияи амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи барномаи давлатии тарбияи ватандӯстии шаҳравандони Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2006-2010», дигар санадҳои меъёрию ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, субъектони Тоҷикистон дар қисмати марбут ба масъалаҳои тарбияи ватандӯстӣ ба шумор мераванд.

**Асосҳои методологии тадқиқот** аз усулҳои диалектикӣ, алоқаҳои мутақобила ва қонунияти объективии бо ҳам вобастагардидаи равандҳои ҷамъиятию сиёсӣ иборатанд, ки онҳо аз стратегияи Ҳукумати Тоҷикистон оиди ташаккули ҳисси ватандӯстии аҳолии ҷумҳурӣ бармеоянд. Дар раванди таҳқиқот методҳои илмии таҳлили сохторӣ, сохторию вазоифӣ ва муқоисавӣ истифода гардидаанд. Муаллиф дар таҳқиқоти худ ба хулосаҳои илмии олимони машҳури ватанӣ ва хориҷӣ такя намуда, асосҳои консептуалии масъалаи ватандӯстиро ташаккул додааст.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқот.** Бояд қайд намуд, ки таҳлили як қатор масъалаҳои назариявию консептуалӣ ва истифодаи коркардҳои методологӣ ва методҳои таҳқиқотии илмҳои сиёсӣ барои омӯзиши раванди ташаккулёбии ватандӯстӣ дар шароити демократикунонии ҷомеа имконияти мусоид фароҳам овардаанд. Таҳқиқоти мазкур имконият додааст, ки дар бораи ватандӯстӣ хулосаҳои илман асоснокшуда баровarda шаванд ва масъалаи тарбияи ҷавонон дар рӯҳияи ватандӯстӣ дар шароитҳои айнӣ баҳогузорӣ гардад. Чунин, муносибат имкон додааст, ки хусусиятҳои рушди ташаккули ватандӯстӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда шаванд. Аз ин рӯ, таҳқиқоти мазкур барои омӯзиши минбаъдаи масъалаи ватандӯстӣ дорои аҳамияти зиёди илмию назариявӣ мебошад.

**Аҳамияти амалии таҳқиқот.** Аҳамияти амалии таҳқиқоти мазкур аз он иборат аст, ки дар он асосҳои назариявӣ, омилҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ ва маънавию ғоявии ватандӯстӣ муайян карда шудаанд. Бинобар ин, таҳлилҳои илмӣ, хулоса ва тавсияҳое, ки дар таҳқиқоти мазкур анҷом дода шудаанд, метавонанд дар фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва Ҳукумати ҷумҳурӣ ҳангоми коркард ва татбиқи сиёсати ғоявӣ ва миллӣ, махсусан ҳангоми такмили минбаъдаи раванди ташаккулёбии ватандӯстии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди истифода қарор дода шаванд. Инчунин, маводи диссертатсия метавонанд дар раванди таълими як қатор фанҳо, аз ҷумла сиёсатшиносӣ, фалсафа, таърих, ҳуқуқ ва дигар илмҳои гуманитарӣ мавриди истифода қарор гиранд.

**Саҳми шахсии довталаб.** Ҳамаи марҳилаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ, аз ҷумла интихоби мавзуъ, асосноккунӣ ва мубрамияти он, муайян намудани ҳадаф ва иҷрои вазифаҳои гузоштаршуда бо иштироки бевоситаи муаллиф анҷом дода шудаанд. Муаллиф дар ҷараёни кор аз болои диссертатсия ба рушди умқи омӯзиш ва рушди арзишҳои ватандӯстӣ дар шароити Тоҷикистон саҳми худро гузошта, инчунин хулосаҳо илман асоснок ва пешниҳодҳоро ироа намуда, мақолаҳои илмӣ таълиф намудааст.

**Тасвиби натиҷаҳои таҳқиқот.** Диссертатсия дар кафедраи сиёсатшиносии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ омода гардида, борҳо дар ҷаласаҳои кафедра мавриди муҳокима қарор дода шудааст.

Нуктаҳои асосии таҳқиқот дар фишурда ва 3 мақолаи илмии муаллиф ва баромадҳои ӯ дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ ва байнидонишгоҳӣ пешниҳод гардидаанд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсия аз муқаддима, ду боб, чаҳор зербоб, хулоса ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат мебошад.

## ҚИСМАТҲОИ АСОСИИ ДИССЕРТАТСИЯ

Дар **муқаддима** муҳиммияти мавзӯи таҳқиқот асоснок гардида, сатҳи омӯзиши он тавсиф ёфтааст. Инчунин, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, объект ва предмети таҳқиқот

муайян шуда, асосҳои назариявию методологии таҳқиқот нишон дода шудаанд. Навгонии илмии таҳқиқот ва аҳамияти назариявию амалии натиҷаҳои он муаррифӣ гардида, апробатсияи хулосаҳои асосӣ ва натиҷаҳои диссертатсия нишон дода шудаанд.

Дар боби якуми диссертатсия – «**Масъалаҳои назариявию методологии омӯзиши ватандӯстӣ»** хусусиятҳои хосси рушди ватандӯстӣ, мафҳум ва шаклҳои гуногуни инъикоси он баррасӣ шудаанд.

Дар параграфи якуми боби мазкур – «**Ватандӯстӣ ҳамчун падидаи иҷтимоию сиёсӣ: мафҳум, моҳият ва хусусиятҳои он**» таъкид мегардад, ки ватандӯстӣ яке аз сифатҳоест, ки барои насли ҷавон зарур буда, дар консепсияҳои муосири пешгӯинамоӣ таъкид мегардад. Ташаккули ватандӯстӣ бо ташаккул ва рушди айнияти шаҳрвандии ҷавонон алоқамандии зич дорад. Имрӯз ошкорнамоӣ ва баррасии моҳият ва табиати сиёсии ватандӯстӣ, мундариҷаи он тавассути нуқтаи назари илмҳои сиёсӣ ба таҳлили афкори мухталиф ва муқаррароти илмӣ мусоидат менамояд, ки дар осори мутафаккирони барҷастаи аҳди қадим, дар адабиёти анъанавӣ ва муосир, инчунин дар тадқиқотҳо оид ба масъалаи ватандӯстӣ инъикос шудаанд.

Таълимот дар бораи ватандӯстӣ ҳамчун ҷузъи назарияи умумӣ зуҳур намудааст, ки ҳадафи он ҳифзи манфиати мардум ба шумор меравад. Ғояи ватандӯстиро олимони замони буржуазия ҳангоми мубориза бо феодализм барои ҳокимияти сиёсӣ пешниҳод намуданд, ки мутобиқи шароитҳои мушаххаси сиёсӣ ва рушди маънавию идеологии ҷомеа ташаккул ёфта буд. Агар дар назар гирем, ки ватандӯстӣ дар натиҷаи қонуниятҳои рушди таърихӣ зуҳур намудааст, пас мафҳуми ватандӯстӣ дар кишварҳои мухталиф ҳамзамон бо касби қудрат, ташаккул ва таҳкими мутлақият ба миён омадааст.

Муаллифи назарияи ватандӯстӣ файласуфи фаронсавӣ Жан-Жак Руссо маҳсуб меёбад. Ӯ ба мафҳуми Ватан ва моҳияти он диққати ҷиддӣ додааст. Ба қавли ӯ, «ватан на танҳо заминест, ки талаботи ҳаётии инсонро қонеъ намуда, дар ҳудуди он одат кардааст, ватан на танҳо макон ва на танҳо ашё мебошад, балки он муҳаббатест, ки дӯстдорӣ сарчашма мегирад».[8] Инчунин ӯ иброз намуда буд, ки «бигузор ватан модари умумии шаҳрвандон бошад; бигузор аз фоидаҳое, ки онҳо дар меҳанашон истифода мекунанд, ватанро барои онҳо азиз гардонад».[9] Минбаъд Ж.Ж.Руссо фарқияти байни ватандӯстӣ ва шаҳрвандиро муайян намудааст, ки дар муқобилгузории мафҳуми «инсон» ва «шаҳрванд» асос ёфтааст. Барои ӯ шаҳрванд ва ватандӯст танҳо дар чаҳорчӯбаи миллат–давлат имкон дорад: «на шаҳрванд, на ватандӯст наметавонанд дар алоҳидагӣ вуҷуд дошта бошанд».

Мутафаккири олмонӣ Ф. Нитсше ватандӯстиро «эҳсоси одитарини сиёсӣ» мегӯяд, ки мавҷудияти решаҳои табиии зуҳури он таъкид мегардад. Ватандӯстӣ, ба қавли ӯ, «инстинкт» мебошад[10]. Ф. Нитсше ба кишвар ҳамчун объекти асосии ватандӯстӣ диққати махсус зоҳир менамояд. Кишвар ва ватандӯстӣ, ба қавли ӯ, «бе тасдиқи шахсият буда наметавонанд».[11]

Таърифҳои монандро инчунин олимони рус пешниҳод намудаанд. Масалан, ба ақидаи В.С. Соловев: «Дарки дақиқи уҳдадориҳои худ нисбати ватан, инчунин иҷрои дурусти онҳо накукории ватандӯстро ташаккул медиҳанд»[12]. Ба қавли ӯ, ишқи ҳақиқӣ ба ягон нафар чунон зоҳир мегардад, ки мо мехоҳем ва мекӯшем, то ба дӯстдоштаамон ҳамаи некӣ ва манфиатҳои на танҳо маънавӣ, балки моддиро расонем. Ин асоси тасаввурот оид ба таносуби ватандӯстӣ ва космополитизм мебошад.

Муносибат нисбат ба ватандӯстӣ дар ҷаҳони муосир бо ду усули муқобил пешниҳод шудааст. Тарафдорони гурӯҳи аввал мегӯянд, ки дар шароити ҷаҳонишавӣ ватандӯстӣ

---

[8] Руссо Ж.-Ж. Трактаты / Под ред. А.З. Манфреда. - М.: «Наука», 1969. - С. 448.

[9] Ҳамон ҷо. - С. 124.

[10] Ницше Ф. Рождение трагедии или эллинство и пессимизм // Философия от античности до современности. - М.: Изд-во "Директмедиа Паблишинг", 2003. - С. 139.

[11] Ҳамон ҷо. - С. 139.

[12] Соловьев В. Национализм. Патриотизм. (Выдержки из большого энциклопедического словаря Брокгауза и Ефрона) // Новый Вавилон. 1994. - №1. - С.35.

атавизм ба шумор меравад, намояндагони гурӯҳи двум ватандӯстиро ҳамчун алтернатива ба фарҳанги ҷаҳонишавӣ ва космополитизм баррасӣ менамоянд, ки имкони ҳифзи махсусияти иҷтимоӣ-фарҳангӣ ва мустақилияти халқҳоро фароҳам меорад. Мутаносибан ҳарчи бештар ҷаҳонишавӣ худро ошкор намояд, – ҳамон қадар кишвар мебояд оид ба ҳифзи томияти тамаддунӣ андешад, ҳарчи бештар ғояҳои ватандӯстона ва муқаррарот дар фарҳанги ин ё он ҷомеа мубрам мегарданд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон болоравии аҳамияти ватандӯстӣ ҳамчун асоси муттаҳиднамоии ҷомеа ҷараён дорад, зеро маҳз дарки ватандӯстонаи инсон муайянкунандаи мавқеи шаҳрвандӣ ва фаъолшавии иҷтимоии он ба шумор меравад. Раванди эҳёи шуури ватандӯстона ҷанбаҳои зеринро дар бар мегирад: масъалаи беҳдошти сифати ҳаёти тоҷикистониҳо; вазифаи тарбияи оилавӣ; ҷустуҷӯи роҳҳои ташаккули шуури таърихӣ; ҷустуҷӯи шаклҳои истифодаи васеи ҷанбаи рамзӣ ва маросимӣ дар кори идеологӣ ва тарбиявӣ; таносуби оқилонаи рамзҳои маҳаллӣ ва умумидавлатӣ.

Бояд гуфт, ки ватандӯстӣ яке аз сифатҳоест, ки барои насли наврас зарур буда, дар тамоми консепсияҳои муосири пешгӯинамоӣ ифода меёбад. Ташаккули ватандӯстӣ бо ташаккул ва рушди айнияти шаҳрвандии ҷавонон алоқамандии зич дорад.

Ҳувияти шаҳрвандӣ асоси худшиносии гурӯҳӣ ва заминаи ҷомеаи шаҳрвандӣ буда, дар кишвар нақши ҳамгироро иҷро менамояд. Ноустувории айнияти шаҳрвандӣ дар Тоҷикистони муосир ба коҳиши мафкураи ҷомеа дар самти идиомаҳои кӯҳна ва ғайритаҳаммулпазирӣ боис гашта, имконоти идеологияҳои авторитарӣ, тоталитарӣ ва қавмӣ-нажодиро барои ноил гардидан ба муваффақият зиёд менамояд. Сафарбарнамоии қавмияти сиёсӣ, ки дар асри нав идома дорад, вокуниш ба солҳои 1990-ум ва аз даст додани интернатсионализми шӯравӣ ва кӯшиши ташаккули айнияти нави демократии ба Аврупо нигаронидашуда мебошад, ки ба сифати омили низоъбарангез баромад менамояд.

Ҳамзамон, дар марҳилаҳои тағйироти иҷтимоӣ-сиёсӣ, ки бо шикасти механизмҳои айнияти умумиятҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ алоқаманд мебошад, одамон «дарки парокандагӣ», эҳсоси саросемагӣ, беҳаракатӣ, беиродагӣ, тарс ва асабоният менамоянд. Ҳувияти манфии низоъбарангез арзишҳои анъанавии давлати демократии ҳуқуқбунёд ва ҷомеаи шаҳрвандиро баробар менамояд. Ҳамин тариқ, бақои демократия дар ҷомеаи мо аз дарки шаҳрвандони кишвар дар бораи зарурати ташаккули айнияти умумии мусбии шаҳрвандӣ ҳамчун модели созандаи айнияти иҷтимоӣ-фарҳангӣ вобаста мебошад.

Ҳамин тариқ, ватандӯстӣ муҳаббатро нисбат ба Ватани худ инъикос менамояд ва бо таърих, фарҳанг, дастовардҳо, ҷанбаҳои нотакрор ва ҷаззоби асоси маънавӣ-ахлоқии шахсият алоқаманд мебошад, ки мавқеи шаҳрвандӣ ва талаботро ба хизмати шоиста, фидокорона то ҳадди худқурбоннамоӣ ба Ватан нишон медиҳад.

Дар параграфи дуюми боби аввал «**Тамоюлоти асосии рушди ватандӯстӣ дар шароити муосир**» тамоюлоти асосӣ ва сохтори ватандӯстӣ, аз ҷумла қисмати асосии он - дарки ватандӯстона, муносибати ватандӯстона, фаъолияти ватандӯстона баррасӣ гаштаанд, ки хусусиятҳои хосси ин падидаро инъикос менамоянд. Муаллиф таъкид менамояд, ки таҳқиқи махсусияти ватандӯстӣ барои ҷомеаи муосири Тоҷикистон мубрамияти хосса касб намудааст, зеро он на танҳо ба равандҳои умумии ҷаҳонишавӣ ҷалб гаштааст, балки буҳрони система ва трансформатсияро паси сар менамояд, ки сарчашмаи тағйиротҳо, аз ҷумла ивазшавии воситаҳои алоқаи шаҳрванд ва Ватан гаштааст.

Бояд таъкид намуд, ки ватандӯстии халқи тоҷик аллакай то зуҳури давлати Сомониён шакл гирифта буд. Давлати Сомониён заминаҳои иҷтимоӣ-сиёсиро фароҳам оварда, ба раванди ташаккул ва таҳкими ватандӯстии халқи тоҷик мусоидат намуд. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон, таърихи пайдоиши давлатдории тоҷик ва мубориза и тӯлонии халқи тоҷикро дар касби истиқлолияти сиёсӣ тавсиф намуда, таъкид менамояд, ки «баъди ҳуҷуми арабҳо ба қаламрави Мовароуннаҳру Хуросон давлатҳои муқтадири Тоҳириён ва Саффориён ташаккул ёфтанд, ки аз давлати баъдтар зуҳуркардаи Сомониён камӣ надоштанд. Вале танҳо ба Сомониён муяссар гардид, ки тӯли

як садсола мутамарказии давлат, рушди самаранок ва афзоиши назарраси онро таъмин намоянд, ба шукуфоии муқтадир ва фарҳанг мусоидат намуда, омили муҳимми ташаккули давлатдории миллии тоҷик ва ваҳдати халқи тоҷик, эҳёи арзишҳои фарҳангӣ ва маънавии миллати тоҷик шуданд. Дар ниҳоят, давлати Сомониён ба халқи тоҷик имкон дод, ки аз оғоз мустақил бошанд, боз як бори дигар ба ҷаҳониён рисолати тамаддунсози худро нишон диҳанд. Давраи мазкур марҳилаи ниҳоии таърихи ташаккули халқи тоҷик ва касби қуллаҳои баланди давлатдории миллӣ мебошад».[13]

Дар амалияи сиёсӣ дарки ин падида аз ҷониби гурӯҳ ва қишрҳои иҷтимоӣ ба таври гуногун зоҳир мегардад. Масъалаи тавсифи моҳияти ватандӯстӣ предмети мубоҳисаи доимӣ гаштааст, ки аз аҳамияти он дар ҳаёти сиёсии ҷомеа вобаста мебошад. Баъзан ба воситаи эҳсоси ватандӯстӣ қаллобиҳои сиёсӣ татбиқ шуда, душмании сиёсӣ аланга мегирад. Тақсим намудани одамон ба ду гурӯҳ: «ватандӯстон» ва «ғайриватандӯстон», инчунин муборизаи байни онҳо боиси баамалоии равандҳои мухталифи сепаратистӣ, рушди минтақагароӣ, тезутундшавии низоъҳои иҷтимоӣ мегардад.

Дарки ватандӯстӣ инъикоси ватани худ аз ҷониби субъект мебошад. Он сарчашмаи асосии фаъолияти ватандӯстона ва рафтори инсон ва амалан пули иртиботӣ, «механизми гузариш» байни ватан ҳамчун воқеияти объективӣ, тавассути ташаккули мундариҷаи асосии он дар шакли «симои ватан» ва ватандӯстӣ ба шумор меравад. Дар қаъри дарки ватандӯстона, умқи он заминаҳои зуҳури эҳсоси ватандӯстона ҷамъ шуда, ташаккул меёбанд. Маҳз аз мундариҷа, ҳолат, сатҳи рушди дарки ватандӯстона ва дар ниҳоят, фаъолияти ватандӯстона ё «ғайриватандӯстона», ташаккул ё шикасти сифатҳои шахсии ватандӯстона вобаста мебошад. Дарки ватандӯстӣ унсури шуури ҷамъиятӣ ба шумор рафта, вобаста ба мақоми сохтори он ва предмети инъикоси он хусусиятҳои ба худ хос дорад. Вале, мисли баъзе муҳаққиқон, дарки ватандӯстиро набояд ҳамчун шакли мустақили шуури ҷамъиятӣ баршумурд. Мебояд баръакс, онро ҳамчун падидаи маънавие қабул намуд, ки ба шуури сиёсӣ, ахлоқӣ, ҳуқуқӣ, эстетикӣ ва компонентҳои дигари шуури ҷомеа таъсир мерасонад.

Ватандӯстӣ ва шуури сиёсӣ бо ҳамдигар алоқамандии зич доранд ва ҳамзамон ҳамкории байни онҳо низ хеле мураккаб мебошад. Аз ин рӯ, онҳо аз якдигар бо умқи хоса фарқ мекунанд. Аз ин хусус худи моҳияти шуури сиёсӣ шаҳодат медиҳад, ки манфиатҳои аслии гурӯҳҳои калони иҷтимоиро инъикос менамояд ва инчунин тавассути онҳо муносибат ба сохтори сиёсии кишвар, соҳаҳои асосии он муайян мегардад.

Дарки сиёсӣ асосан бо мундариҷаи ватандӯстӣ, самт ва ҳадафмандии он алоқаманд мебошад. Як қатор муаллифон, дар бораи ватандӯстӣ ҳарф зада, тасдиқ менамоянд, ки дарки ватандӯстона то ҳадди зиёд бо дарки сиёсӣ алоқаманд мебошад. Аз ин рӯ, инкори мундариҷаи сиёсии ватандӯстӣ ба мутлақияти он баробар аст.

Фаъолияти бунёдкорона инъикоскунандаи ватандӯстӣ мебошад, ки нуқтаи баландтарини он, масалан, фатҳи кайҳон аз ҷониби инсон, азхудкунии заминҳои бекорхобида ва касби пешрафти илмӣ-техникӣ маҳсуб мегарданд.

Яке аз намунаҳои назарраси фаъолияти ватандӯстона муҳофизати объекти ватандӯстӣ – ватани худ мебошад. Аз оғози тамаддун дар ҳамаи халқҳо, аз ҷумла байни тоҷикон, ин фаъолият ҳамчун уҳдадории ахлоқии шаҳрвандон баррасӣ мегардад. Маҳз ватандӯстӣ боис мегашт, ки дар аксари муҳорибаҳо барои муҳофизати сарзамини аҷдодии худ фарзандони барӯманд қаҳрамониҳо ва мардонагӣ нишон диҳанд.

Ҳамин тариқ, тамоюли асосии рушди ватандӯстӣ дар шароити муосир ягонагии ақлонӣ, эҳсосӣ ва ирода ба шумор мераванд, ки амалан маҷмӯи муайян ва пайдарпайии амалҳои инсон дар самти татбиқи манфиатҳои шахсӣ ва аҳдофи ватандӯстона мебошанд. Маҳз тавассути ин амалҳо ва рафтор ягонагии олами ботинии шахсият бо объекти фаъолияти ватандӯстонаи худ татбиқ мегардад.

Боби дуюми диссертатсия – «**Хусусиятҳои ташаккулёбии ватандӯстӣ дар**

---

[13] Раҳмонов Э.Ш. Таджики в зеркале истории: книга первая: «От Арийцев до Саманидов». - Душанбе-Лондон, 1999. - С. 126.

**шароити дигаргуншавии ҷомеаи Тоҷикистон**» ба таҳлили хусусиятҳои хосси ташаккули падидаи ватандӯстӣ дар шароити ҷомеаи Тоҷикистон бахшида шудааст.

Дар параграфи якуми боби дуюм – «**Омилҳои таърихию сиёсии ташаккули ватандӯстӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**» таъкид мегардад, ки ташаккули ватандӯстии халқи тоҷик дар муқоиса бо халқҳои дигари Шарқу Ғарб хусусиятҳои хосси фарқкунанда дорад. Ин хусусиятҳои хос дар он зоҳир мегарданд, ки халқи тоҷик марҳилаи тӯлонии таърихӣ зери таъсир ва тобеияти истилогарони мухталиф қарор дошт.

Новобаста аз ин вазъи мураккаб ва душвори иҷтимоӣ-сиёсӣ тарбияи ватандӯстии халқи тоҷик ҳамеша аз принсипҳои он бармеомад. Халқ барои озодӣ талош намуда, барои ҳимояи ватани худ бармехест. Тоҷикон ҳамчун миллати қадимтарин доимо ба муқобили душманони дохилӣ ва хориҷии ватани худ собитқадамона мубориза мебурданд. Ҳадафи асосии ватандӯстии халқи тоҷик ба озоднамоии ватан аз истилогарон равона шуда буд. Ватандӯстӣ ба халқи тоҷик аз замонҳои қадим хос буд. Ҳаракати ватандӯстонаи халқи тоҷикро метавон дар симои чунин ватандӯстон, аз қабили Спитамен, Шерак ва қаҳрамонони дигари аҳди бостон мушоҳида намуд. Таҷрибаи таърихӣ нишон медиҳад, ки ғояҳои ватандӯстӣ қутбнамо ва ситораи роҳнамои халқ барои рушд ва пешрафти ватан ба шумор меравад. Зуҳур, ташаккул ва инкишофи ватандӯстии халқи тоҷик, раванди объективӣ ва қонунӣ мебошад. Агар чунин сарчашмаҳоро, аз қабили «Авесто» дар замони Зардушт, «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ, «Сиёсатнома»-и Низомулмулк, «Тоҷикон: таърихи қадимтарин, қадим, асримиёнагӣ ва навтарин»-и Б. Ғ. Ғафуров, «Тоҷикон дар оинаи таърих»-и Э. Ш. Рахмон ва ғайраро ба инобат гирем, пас метавон бо боварии комил гуфт, ки дар онҳо ҷавоби мушаххас ба масъалаи ватандӯстии халқи тоҷик дар давраҳои мухталифи таърихии рушди он дода шудааст.

Бо назардошти таҷрибаи таърихӣ, метавон таъкид намуд, ки ватандӯстӣ дар шароити Тоҷикистон дар се марҳилаи асосии таърихӣ ҷараён гирифтааст .

Марҳилаи якуми зуҳур ва инкишофи ватандӯстӣ бо таъсисёбии давлати Сомониён (нимаи дуюми асри IX ва оғози асри X-ро дар бар мегирад) иртибот дорад. Дар ин марҳила ба таври мунтазам ватандӯстии халқи тоҷик ташаккул ёфта, минбаъд рушд кард. Марҳилаи мазкур зиёда аз 100 сол идома ёфт. Вале баъди шикасти давлати Сомониён ватандӯстии халқи тоҷик то андозае коҳиш ёфт. Тавре таъкид гардид, истилогарони мухталиф ба раванди қонунии ташаккули ватандӯстии халқи тоҷик дар ин марҳилаи таърихии рушди ҷомеа монеа эҷод менамуданд. Ҳарчанд халқи тоҷик давлатдории худро ба муддати зиёда аз 1000 сол аз даст дод, вале ғояҳои ватандӯстӣ, ба истиқрори давлати тоҷик, озод намудани ватан аз душманон равона шуда буданд.

Марҳилаи дуюми рушди ватандӯстии халқи тоҷик аз ғалабаи Инқилоби Октябр ва ташкили ИҶШС маншаъ мегирад. Ин марҳила зиёда аз 70 солро дар бар мегирад. Дар ин марҳилаи таърихӣ халқи тоҷик бо назардошти воқеаҳои зерин ташаккул ёфт: аз соли 1924 оғоз намуда, халқи тоҷик ба ҳайати Ҷумҳурии Ӯзбекистон ҳамчун вилояти мухтор дохил шуда, баъдан соли 1929 Тоҷикистон Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистӣ эълон гардида, мақоми баробарҳуқуқро дар ҳайати ИҶШС ҳамчун давлати мустақил соҳиб гардид.

Марҳилаи сеюми раванди қонунии ташаккул ва рушди ватандӯстии халқи тоҷик аз лаҳзаи ба даст овардани истиқлолияти миллӣ аз соли 1991 шурӯъ гардида, то ҳол идома дорад.

Таҳлили марҳилаҳои раванди ташаккул ва рушди ватандӯстии халқи тоҷик баёнгари он аст, ки ҳар як марҳила хусусиятҳои хосси худро дошта, дорои зиддият ва душвориҳо мебошанд. Инчунин онҳо аз якдигар фарқ менамоянд. Новобаста аз ин шароитҳои мураккаби таърихӣ, аҳолии Тоҷикистон сабурона ва устуворона ҳамаи муқовимати дохилӣ ва хориҷии душманонро паси сар намуда, барои истиқрори истиқлолияти миллӣ ва истиқлолияти сиёсӣ мубориза мебаранд. Масъалаи мазкур предмети омӯзиш ва объекти таҳқиқоти олимони шинохтаи фалсафа, сиёсатшиносӣ, таърих, ҷомеашиносӣ, ҳуқуқшиносӣ ва илмҳои дигар, чи дар кишварҳои ИДМ, Тоҷикистон, инчунин дар хориҷа гаштааст.

Мавриди зикр аст, ки натиҷаи таҳқиқоти олимон хусусиятҳои хосси ташаккули ватандӯстӣ,

инчунин омилҳоеро дар бар мегирад, ки ба рушди қонунии он монеа мегарданд. Тайи солҳои охир олимони кишварҳои ИДМ ва Тоҷикистон як қатор таҳқиқотҳоеро анҷом доданд, ки дар онҳо сабабҳои иҷтимоӣ-сиёсӣ ва маънавӣ-идеологии пайдоиши низоъҳо ва таъсири онҳо дар раванди ташаккули ватандӯстии халқи тоҷик баррасӣ шудаанд. Вале олимони мазкур таҳлили пурраи хусусиятҳои хос, зиддият ва ҳолатҳои низоъбарангезро, ки монеи раванди ташаккули ватандӯстии аҳолии Тоҷикистон гаштаанд, баррасӣ накардаанд.

Таҳқиқи хусусиятҳои хосси ташаккули ватандӯстиро дар ин бахш метавон ба таври зайл баён дошт:

1. Баъди фурӯпошии ИҶШС ва шикасти низоми сотсиалистӣ ҳар як ҷумҳурии иттифоқӣ, аз ҷумла Тоҷикистон истиқлолият ба даст оварда, масъалаи ташаккули тарбияи ватандӯстиро бо назардошти хусусиятҳои хосси ҳар як давлати мустақил баррасӣ менамуданд.

